# ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 21-уми июни соли 2025 ш. Душанбе

Баъд аз шунидану муҳокима намудани диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (роҳбари илмӣ: Усмонзода Хайриддин Усмон – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ); шунидани тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ – доктори илмҳои сиёсӣ Комилбек Амид Ёрбек, номзади илмҳои сиёсӣ Нуриддин Парвин Раймалихон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои фалсафа Фаттоҳзода Саидмурод Самад, доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Шамсиддин Турсунматович ва доктори илмҳои сиёсӣ Назарзода Пиралӣ Сафар, инчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулкардаи шуро оид ба диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» дар бораи асоснок будан, навоварӣ доштан, муҳиммият ва хулосаҳои диссертатсия; инчунин оид ба натиҷаи корҳои илмии чопшуда шурои диссертатсионии 6D.КОА–079

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ дониста шавад.

2. Корҳои илмии чопнамудаи диссертант, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия дар онҳо инъикос гардидааст, ба мавзуъ мувофиқ дониста шаванд.

3. Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ сазовор дониста шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои сиёсӣ ба Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳишмандам, нафароне, ки ба ин қарори шурои диссертатсионӣ тарафдоранд, мавқеи худро муайян намоянд. Тарафдор – 14. Муқобил - нест. Бетараф - нест. Қарор якдилона қабул шуд.

Иҷозат фармоед диссертантро барои бомуваффақият ҳимоя кардани кори диссертатсионӣ табрик намоям ва ҳамзамон ба аъзои шурои диссертатсионӣ барои кори самаранок миннатдорӣ баён кунам. Бо ҳамин ҷаласаи шурои диссертатсионӣ пушида эълон карда мешавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _______________/ Қувватзода С. З.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _______________/ Сангинов Н.Н.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

21.06. 2025